Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924),
«Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940),
«Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

5 сентябри соли 2020.
Шанбе
№ 61 (14660)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

# ВАЗИФАҲО ОИД БА РУШДИ ХОҶАГИИ ҶАНГАЛ МУАЙЯН ШУДАНД

***Таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бахшида ба баррасии самаранокии ислоҳот дар хоҷагии ҷангал ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид.***

Соҳаи мазкур дар тавсеаи пойгоҳи захиравии иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани вазъи экологӣ нақши муҳим дорад.

Аз ин сабаб дар се соли охир ба рушди босуръати ин соҳа диққати махсус дода, масоҳати умумии фонди ҷангали кишвар ба 12 миллион гектар расонида шуд.

Аз ҷумла, дар қаъри хушки баҳри Арал ниҳолҳои муҳофизатии масоҳаташ 1,2 миллион гектара ташкил карда шуданд. 10 ҳазор гектар ҷангалзори аз муомилот баровардашуда азхуд карда шуда, дар 5,5 ҳазор гектар дарахтони чормағз, дар 4 ҳазор гектар зироатҳои хўроквори ва растаниҳои шифобахш шинонда, 3 ҳазор ҷойҳои нави корӣ муҳайё карда шуданд. Бори аввал дар хоҷагии ҷангал 64 лабораторияи биологӣ ташкил карда шуд.

Дар ҷамъомад қайд шуд, ки дар ин соҳа имкониятҳои истифоданашуда мавҷуд буда, барои оянда афзалиятҳо муайян карда шуданд. Масъалаҳои азхудкунии заминҳои ҷангал бо ҷалби сектори хусусӣ, рушди асппарварӣ, чорводорӣ, тухмипарварӣ, ниҳолпарварӣ ва туризм муҳокима шуданд.

Имконияти созмон додани боз 50 ҳазор гектар ҷангалзор ва ташкили майдонҳои чормағз, писта ва бодом дар вилоятҳои Ҷиззах, Навоӣ, Самарқанд, Сурхондарё, Қашқадарё, Намангон ва Тошканд зикр гардид.

Аз сабаби он, ки корхонаҳои мебел 90 фоизи ашёи хомро аз хориҷ ворид мекунанд, супориш дода шуд, ки ба онҳо барои рўёндани павловния ва дигар дарахтони ба мебелтайёркунӣ муфид бо усули кластерӣ замин ҷудо кунанд.

Аҳамияти ҷудо намудани субсидия ва имтиёзҳо барои азхудкунии заминҳои фонди ҷангал, инчунин дастгирии молиявӣ барои хариди насосҳои обёрӣ ва кандани чоҳҳо таъкид гардид.

Аз соли равон тартиби ба иҷора додани заминҳои фонди ҷангал, ки дар муомилот нестанд, ҷорӣ карда шуд. То имрўз 20 ҳазор гектар чунин замин ба истифода дода шудааст. Дар идомаи ин кўшишҳо, вазифаи ба муомилот баровардани заминҳои иловагӣ ва васеъ гардондани ба соҳибкорон ба иҷора додани замин гузошта шуд.

Кор оиди истифодаи имкониятҳои хоҷагии ҷангал дар ноҳияҳои Қарокўл, Ғиждувон, Шаҳрисабз, Китоб, Поп, Чортоқ, Нуробод, Қўшработ, Нурато, Бахмал, Фориш, Узун, Бойсун, Оҳангарон, Бекобод ва ғайра зери танқид гирифта шуд.

Бо мақсади зиёд кардани захираи хўрокаи кирмакпарварӣ имсол дар 2 ҳазор гектар, соли оянда дар 2,5 ҳазор гектари хоҷагиҳои фермерӣ шинондани ниҳоли тут ба нақша гирифта шудааст.

Соли гузашта майдони плантатсияи растаниҳои шифобахш ба 2 ҳазор гектар расид. Дар маҷлис қайд гардид, ки имсол бояд ин рақам ба 5 ҳазор гектар ва ҳосили он ба 8 ҳазор тонна расонда шавад.

Тадбирҳо оид ба татбиқи лоиҳаҳои занбўриасалпарварӣ, парвариши чорво ва парранда дар заминҳои фонди ҷангал бо ҷалби сектори хусусӣ, таъмини шуғл ва мустаҳкам кардани бехатарии озуқаворӣ муайян карда шуданд.

Ҷангалҳо сайёҳонро низ ҷалб мекунанд. Соли гузашта аз сайёҳии экологӣ ва шикор 1 миллиард сўм ба даст оварда шуд, ки ин кам аст. Низоми нави ноҳияи Бўстонлиқ барои рушди туризм дар минтақаҳои ҷангал мавҷуд будани захираи азимро нишон дод. Масалан, дар пойгоҳи хоҷагии ҷангали Бурҷимулло дар асоси шарикии давлатию хусусӣ маркази экотуризм барои 300 ҷой сохта мешавад.

Таъкид гардид, ки бо истифода аз чунин имкониятҳо, соли оянда даромадро аз сайёҳии экологӣ ва шикорӣ 10-15 маротиба зиёд кардан мумкин аст. Дастурҳо оид ба ташкили иншооти туристӣ дар ҷангалҳо ва хоҷагиҳои шикории Шаҳрисабз, Китоб, Бойсун, Боботоғ, Зомин, Бахмал, Оҳангарон, Бекобод, Далварзин, Поп, Қўқанд, Қазоқдарё дода шуданд.

Дар ҷамъомад масъалаҳои рушди илми хоҷагии ҷангал баррасӣ шуданд. Зарурати тезонидани бақайдгирии 13 навъи нави пистаи маҳаллӣ, ки ба хушкӣ тобовар ва серҳосил мебошанд, инчунин аз соли оянда шурўъ намудан ба парвариши он дар ноҳияҳои кўҳӣ зикр гардид.

Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангал вазифадор карда шуд, ки плантатсияҳои таҷрибавӣ ва маркази илмии районикунонии растаниҳои шифобахш, инчунин лабораторияҳои хокшиносии ҷангал, тадқиқоти «in vitro» ва тухмипарвариро ташкил диҳад.

Инчунин оид ба баланд бардоштани нерўи кадрии соҳа, тайёр кардани мутахассисони звенои миёна дастурҳо дода шуданд.

Қайд гардид, ки барои рушди хоҷагии ҷангал дар қатори дигар соҳаҳои кишоварзӣ татбиқи лоиҳаҳои калони сармоягузорӣ бо ҷалби маблағҳои созмонҳои байналмилалӣ муҳим аст.

Бо дарназардошти масъалаҳои дар ҷамъомади видеоселекторӣ баррасишуда, вазифа гузошта шуд, ки лоиҳаи барномаи даҳсолаи рушди хоҷагии ҷангал ба анҷом расонда шавад.

Дар ҷамъомад роҳбарони Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангал ва минтақаҳо ҳисобот доданд.

**ЎзА.**

Ҳоли ҳозир, ҳангоме ки иқтидори азими халқи мо куллан татбиқ мегардад, дар Ўзбекистон пойдевори даврони нави Барқароршавӣ – Эҳёи сеюм гузошта мешавад. Зеро Ўзбекистони кунунӣ ин Ўзбекистони дирўза нест, халқи мо бошад, ҳоло он халқе нест, ки дирўз буд...

**Шавкат МИРЗИЁЕВ**

**БО РОҲИ САФАРИ ПРЕЗИДЕНТ**

# САРЗАМИНИ САРГУЗАШТАМ, САРНАВИШТАМРО ВАТАН!



**Дар арафаи Рўзи сайиди истиқлол, яъне субҳи 30 августи соли равон як гурўҳи калони эҷодкорон – шоиру нависандагон, журналистон, арбобони соҳаҳои илму фарҳанг ва умуман кормандони ҷабҳаҳои илму адабиёту матбуоти ҷумҳурӣ, ки баъзеи онҳо ба истиқболи ҷашни истиқлол бо унвону ҷоиза ва ордену медалҳои давлатӣ мукофотонида шудаанду дар пойтахти кишвар кору зиндагӣ мекунанд, бо сарварии раиси Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ, Шоири халқии Ўзбекистон, узви Сенати Олий Маҷлис Сироҷиддин Саййид ва роҳбаладии муовини раиси Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Ўзбекистон темир йўллари», директори корхонаи муттаҳиди метрополитени Тошканд Ойбек Худойқулов ба тамошои сохтмон ва бунёдкориҳое баромаданд, ки дар шаҳри Тошканд бахшида ба 29-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ўзбекистон сохта ба истифода супурда шудаанд.**

Тавре ки зикр шуд, дар байни сафариён роҳбарон ва ходимони идораҳои бонуфузи фарҳангии мамлакат, шоиру нависандагони маъруфу номвар, олимон, сармуҳаррир ва кормандони соҳибтаҷрибаи рўзномаву маҷаллаҳо, радиову телевизион, ходимони маданияту маърифат буданд.

Маълум аст, ки рўзе пештар аз ин сафар Президенти муҳтарам Ш.Мирзиёев аз чандин иншоот, корхона, хонаву манзил ва роҳу хиёбонҳое, ки дар рўзи таҷлили ҷашни истиқлолият бояд ба истифода супурда мешуданд, боздид ба амал оварда буд. Бинобар ҳамин ҳам ин саёҳати аҳли илму фарҳангу адаб «Бо роҳи сафари Президент» унвон гирифт.

Саёҳати гурўҳ аз тамошои он иншооту корхона ва ҷову манзилҳо оғоз ёфт. Нахуст ба сафариён ду истгоҳи нави хатсайри «Юнусобод»-и метрополитени Тошканд – «Юнусобод» ва «Туркистон» намоиш дода шуд. То имрўз дар ин хатсайр шаш истгоҳ – «Минг ўрик», «Юнус Раҷабӣ», «Абдулло Қодирӣ», «Минор», «Бодомзор» ва «Шаҳристон» амал мекарданд ва сохтмони он муддати мадид, наздики бист сол бозистода буд. Мувофиқи қарори роҳбари давлат аз 7 ноябри соли 2016 ва бо ташаббуси Президент бунёди давраи дуюми ин хатсайр дар фосилаи кўтоҳ ва бо сифати баланд анҷом ёфт.

Ҳар ду истгоҳ, бахусус ороишоти онҳоро метавон намунаи хуби асари санъат номид. Дар ду самти роҳи истгоҳи «Юнусобод» дар ҳар кадом сетоӣ – ҷамъ шаш мониторинги бузург гузошта шудаанд, ки маълумот ва навгониҳои охиринни вобаста ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданиву фарҳангии мамлакатро мунтазам пешкаши роҳиён мекунанд. Умуман, фикр мекунам, он дар радифи истгоҳҳои зеботарини метрополитени пойтахт қарор хоҳад дошт.

Баъд аз тамошои «Юнусобод» мо бо қатораи зебои сохти Русия, ки аз поездҳои дигар бо бисёр ҷиҳатҳои мусбати худ, аз ҷумла бо доштани бодбезаку аз ҳам ҷудо набудани вагонҳо, инчунин бо ҳусни зоҳириву дохилиаш бартарӣ дорад, нишаста ба истгоҳи «Туркистон» рафтем.

Он низ бағоят зебо буд ва ба таъбири ҳамсафари мо, муовини сармуҳаррири рўзномаи «Халқ сўзи», Журналисти шоистаи Ўзбекистон Шуҳрат Ҷабборов ғояи хеле муассиру диданиро дар худ таҷассум кардааст.

Сухан аз он хусус меравад, ки дар девораҳои ду самти роҳи қатора – дар як самт танҳо нақшу тасвири ёдгориҳои қадимиву бостонии сарзамини Ўзбекистони кунунӣ, аз ҷумла майдони Регистони Самарқанд, Манори калони Бухоро, Ҳазрати Имоми Тошканд, ёдгориҳое, ки дар шаҳрҳои Хиваву Қуқанд мавҷуданд ва дар самти дигар сурати иншооту ёдгориҳои куҳану дерини кишварҳои дигари минтақа, яъне Қазоқистон – мақбараи Хоҷа Аҳмад Яссавӣ, Қирғизистон – Сулаймонтоғ, Тоҷикистон – Саразми куҳан ва Туркманистон – Кўҳна Урганҷ гузошта шудаанд, ки ба истгоҳ мазмуну муҳтаво ва шукўҳу шаҳомати хоса мебахшанд. Бояд гуфт, ки аз тариқи ин ду истгоҳ рўзе 7,5 ҳазор мусофирон мегузаранд. Ин лоиҳа 68,5 миллиард сўм арзиш дошта, то имрўз корҳо ба маблағи 58,5 миллиард сўм иҷро шудаанд.

Сипас роҳбаладҳо ба аҳли эҷод ва илму матбуот роҳу биноҳоеро, ки дар кўчаи Аҳмади Дониши ноҳияи Юнусободи пойтахт сохта шудаанд, муаррифӣ карданд. Бояд таъкид кард, ки дар ин бобат корҳои назаррасе иҷро шудаанд.

Нависандаи ин сатрҳо муддате дар ин мавзеъ зиста буд ва ҳолати он давраи онро хуб медонад. Ҳоло вай ба тарзи шинохтанашаванда тағйир ёфтааст.

Роҳҳо васеъ, ҳамвор ва хеле хуб мумфарш шудаанд. Кўчае, ки замоне бараш аз 10-12 метр беш набуд, ҳоло то ба 92 метр васеъ карда шудааст. Дар натиҷа воситаҳои нақлиёт бо роҳ, балки шоҳроҳи 6 самта ҳаракат мекунанд. Аз ин роҳ рўзе 60 ҳазор адад нақлиёт равуо карда метавонад. Бинобар он тирбандӣ дар шоҳроҳи Амир Темур ва кўчаи Боғишамол хеле коҳиш меёбад...

(Давомаш дар саҳ.2).

# ХАБАРИ МУХТАСАР

## дар бораи ҷамъомади Шўрои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон

***4 сентябри соли 2020 ҷамъомади Шўрои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон ба амал омад. Ба кори он Раиси палатаи болоии парлумон Танзила Норбоева роҳбарӣ кард.***

Дар ҷамъомад дар бораи 11 сентябри соли 2020 даъват намудани ҷамъомади ҳафтуми умумии Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон қарор қабул шуд.

Раиси Сенат Т.Норбоева таъкид намуд, ки таҳти роҳбарии сарвари давлат дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, маданиву маърифӣ ислоҳоти васеъмиқёс татбиқ гардида, оид ба бунёди Ўзбекистони нав саъю кўшиши наззаррас амалӣ мегарданд. Ба ғайр аз ин, зарурати эътибори ҷиддӣ додан ба сари вақт ҳал намудани мушкилоте, ки аҳолӣ дар рафти мулоқоти бевосита ба миён мегузоранд, таъкид гардид. Инчунин муҳим будани ба назар гирифтани афкори умум бинобар ҳар як масъалае, ки ба рўзномаи ҷамъомади умумӣ ворид карда мешаванд, инчунин омўзиши доимӣ ва баррасии мушкилоти минтақаҳо қайд гардид.

Дар ҷамъомади умумӣ, ки дар шакли алоқаи видеоконфронс баргузор мегардад, баррасии як қатор масъалаҳо ба нақша гирифта шудааст.

Қонунҳо «Дар бораи ҳуқуқҳои шахсони ногиро», «Дар бораи арбитражи байналхалқии тиҷоратӣ», «Дар бораи пешгирӣ ва табобати касалиҳои наркологӣ», «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба баъзе ҳуҷҷатҳои қонунгузории Ҷумҳурии Ўзбекистон ба муносибати такмил додани фаъолияти шўроҳои депутатҳои халқӣ», «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба баъзе ҳуҷҷатҳои қонунгузории Ҷумҳурии Ўзбекистон ба мақсади баланд бардоштани самарабахшии истифодаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва фонди ҷангал», «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба баъзе ҳуҷҷатҳои қонунгузории Ҷумҳурии Ўзбекистон» аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Баробари ин, баррасӣ намудани ахбори вазири молияи Ҷумҳурии Ўзбекистон дар бораи иҷрои Буҷаи давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон дар нимсолаи аввали соли 2020 ба нақша гирифта шудааст.

Ба ғайр аз ин, баррасӣ намудани масъалаи ба Девони Вазирон ирсол намудани дархости парлумонӣ дар бораи ҳолати чораҳое, ки барои рушди фаъолияти илмӣ андешида мешаванд, инчунин дар бораи шароите, ки барои рушди соҳибкории занон дар Ўзбекистон фароҳам оварда шудаанд, пешбинӣ шудааст.

**ЎзА.**

# НОМИ БОЗ ЯК ҲАМВАТАНАМОН БА "ДАФТАРИ ТИЛЛОЙ"-И САФОРАТИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР БЕЛГИЯ ДОХИЛ КАРДА ШУД

***Сафири Ўзбекистон дар ин мамлакат Дилёр Ҳакимов бо роҳбари ширкати SatExpress Services, ҳамватанаш Санҷар Сидиқов, ки дар Белгия зиндагӣ мекунад, мулоқот кард.***

Дар оғози мулоқот сафир ба мусоҳибаш оид ба масъалаҳое, ки 17 август дар рафти видеоконфронс таҳти раисии Президент Шавкат Мирзиёев бо иштироки намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ўзбекистон оиди фароҳам овардани шароити муносиб барои шаҳрвандони маскуни хориҷа баррасӣ гардиданд, маълумот дод.

Санҷар Сидиқов дар Тошканд таваллуд шудааст ва 20 сол боз дар Белгия зиндагӣ дорад.

Дар суҳбат ў таъкид кард гарчанде ки ў солҳои зиёд аз хона дур аст, аз ислоҳоти солҳои охири Ўзбекистон хуб огоҳ мебошад ва дилу ақлаш аз Ватани худ канда нашудааст. Соҳибкор медонад, ки дар солҳои охир фазои сармоягузорӣ дар мамлакати мо беҳтар шуда, барои соҳибкорон имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд. Аз ин имкониятҳо истифода бурда, Санҷар Сидиқов дар Ўзбекистон тиҷорати худро кушод.

Аз ҷумла, якҷоя бо шарикон дар Тошканд истеҳсоли хамирҳои яхкардашуда ва хўрокҳои миллиро таҳти бренди «Мали» таъсис дод. Бо истифода аз маблағҳои худ ва дар заминаи технологияҳои хориҷӣ, ў ҳамчунин сехи истеҳсоли вафлиҳои Белгияро кушода, 35 ҷойи корӣ созмон дод.

Дар айни замон, маҳсулоти мазкур дар бозори дохилӣ талаботи зиёд дорад. Дар оянда содироти ин маҳсулот ба кишварҳои хориҷи наздик ва дур пешбинӣ шудааст.

Зимни мулоқот ҷонибҳо оид ба нақшаҳои оянда, аз ҷумла лоиҳаҳои тиҷоратие мисли истеҳсоли шоколади Белгия, ба роҳ мондани содироти меваи хушк аз кишвари мо мубодилаи афкор намуданд.

Дар вохўрӣ инчунин оид ба таъсиси минтақаи озоди иқтисодии «Ҳазорасп» дар вилояти Хоразм ва имкониятҳои он, аз ҷумла роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти Белгия маълумоти муфассал дода шуд.

Бо таваҷҷўҳи зиёд ба имкониятҳое, ки дар МОИ «Ҳазорасп» фароҳам оварда шудаанд, ҳамватанамон гуфт, ки вай имкониятҳои минтақаро омўхта ва бизнес-лоиҳаи худро омода хоҳад кард.

Дар фарҷоми суҳбат Санҷар Сидиқов аз рушди муваффақонаи тиҷорати худ дар Ўзбекистон изҳори қаноатмандӣ кард.

Бинобар натиҷаи вохўрӣ маълумот дар бораи Санҷар Сидиқов ба рўйхати ҳамватанони эҳтимолӣ — «Дафтари тиллоӣ» ворид карда шуд ва изҳори итминон кард, ки фаъолияти соҳибкории ў тавсеа меёбад ва ба рушди нерўи содиротии кишвар хидмат хоҳад кард.

**АИ «Дунё».**
*БРЮССЕЛ.*

**Бо ташаббуси Вазорати рушди технологияҳои ахбор ва коммуникатсияҳои Ҷумҳурии Ўзбекистон оиди мазмун ва моҳияти лоиҳаи Қонун «Дар бораи мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа дар Ҷумҳурии Ўзбекистон» брифинг баргузор шуд. Дар он ходимони масъули Вазорати корҳои хориҷӣ, Суди Олӣ ва дигар мутахассисони соҳа ширкат варзиданд.**

# МАҚОМИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ ВА ШАХСОНИ БЕТАБАА

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади таъмини иҷрои қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 7 ноябри соли 2018 кор карда шудааст.

Таъкид шуд, ки дар ҳуҷҷатҳои дар амал мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа бо қонун муайян карда нашудааст. Ҳуқуқҳои асосӣ, озодӣ ва маҷбуриятҳои онҳо, ҳамчунин, ҳудуди ҷавобгариҳояшон дар доираи қонун дақиқ нишон дода нашудааст. Барои ҳамин ба тасвиби чунин қонун эҳтиёҷ ба миён омадааст.

Бояд гуфт, ки соли 2019 ба Ўзбекистон беш аз 670 ҳазор нафар шаҳрвандони хориҷӣ омадаанд. Бо 412 ҳазор нафари онҳо раводидҳои дохилшавӣ расмӣ кунонда шуд. Барои амалисозии фаъолияти меҳнатӣ ба 10305 нафар шаҳрванди хориҷӣ литсензия дода шуд. Дар баробари ин, никоҳи беш аз 5100 нафар шаҳрванди хориҷӣ ва шахсони бетабаа қайд гардид.

Лоиҳаи қонуни мазкур аз 5 боб ва 38 модда иборат буда, дар он қоидаҳои асосии зерин дарҷ гардидаанд: ҳуқуқҳои асосӣ, озодӣ ва маҷбуриятҳои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа муайян карда мешавад; дар Ҷумҳурии Ўзбекистон имкон доштани зисти доимии онҳо дар асоси гувоҳномаи зисти доимӣ ё картаи ID-и идентификатсия роҳандозӣ мегардад; ба чунин шахсон додани тартиби паноҳгоҳи сиёсӣ муайян карда мешавад; дар Ҷумҳурии Ўзбекистон ҳузур доштан, даромадан, баромадан ва аз он транзит гузаштани онҳо бо қонун устувор карда мешавад ва монанди инҳо.

Ҳангоми кор кардани лоиҳаи қонун таҷрибаи Британияи Кабир, Испания, Русия, Туркия, Қазоқистон, Белоруссия, Озарбойҷон ва дигар давлатҳо омӯхта, меъёрҳои қонунҳои онҳо дар ин соҳа ба инобат гирифта шудааст.

Дар чорабинӣ зикр гардид, ки қабули қонун чунин натиҷаҳоро ба кор меорад: мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа муайян карда мешавад, ки барои зиёд шудани мутахассисони баландмалака ба ватани мо аз хориҷа замина мегузорад; барои ҳамкорони хориҷӣ муҳити созгори ҳуқуқӣ офарида мешавад; механизмҳои шаффофи бо шаҳрвандони хориҷӣ аз наздик ҳамкорӣ кардани ташкилотҳои ҷумҳурии мо роҳандозӣ мешавад.

**Х.ҲАМИДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# САРЗАМИНИ САРГУЗАШТАМ, САРНАВИШТАМРО ВАТАН!

(Аввалаш дар саҳ.1).

Баъдан сафариён ба автобусҳои махсус нишаста, ба тамошои метрои рўизаминӣ, саристгоҳи он – «Дўстлик-2» омаданд. «Дўстлик-2» ба он маънист, ки истгоҳи «Дўстлик» – собиқ «Чкалов»-и метрои зеризаминӣ ҳам дар ҳамин ҷост. Ҳамагон дар ҳамин ҷо ба қатора нишаста, то Қуйлиқ рафтанд, ки аз 7 истгоҳ иборат буда, 11 километр масофа дорад.

Роҳбаладон изҳор доштанд, ки метрои рўизаминӣ аз 35 истгоҳ таркиб ёфта, то имрўз, тавре ки зикр шуд, аллакай 7 истгоҳи он ба кор даромадааст, яъне қатораҳо алҳол бинобар онҳо мунтазам ҳаракат мекунанд...

«Технопарк» – боз як муъҷизае, ки роҳиён ба дидани он имкон пайдо карданд, чунин ном дорад. Вай дар ҳудуди 101,4 гектар ташкил шудааст, ки 50 гектараш майдони истеҳсолӣ мебошад. Дар ин ҷо 17 лоиҳаи арзиши умумиашон 362,7 миллион доллар татбиқ мегарданд. Худи ҳамин қимат бозгўйи шаҳомату бузургии ин муъҷиза аст. Дар «Технопарк» тарроҳиҳои филизӣ, фурнитура ва ҷузъҳо барои дару тирезаҳо, ҳисобкунакҳои электронӣ, радиаторҳои гармкунӣ, шакл ва қолибҳо, техника барои ошхона, бодбезакҳои маишӣ, мошинҳои ҷомашўӣ, воситаҳои саноатии обгармкунӣ, сардкунак ва яхдонҳо, лифт ва эскалаторҳо, насосҳои обкаш ва ғайра мувофиқи меъёрҳои ҷаҳонӣ истеҳсол карда мешаванд.

Пешбинӣ шудааст, ки 60 фоизи маҳсулот ба содирот, аз ҷумла ба Русия, Украина, Қазоқистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Афғонистон бароварда шаванд...

Шоҳроҳи Фарғона то ба қарибӣ аҳволи начандон хуб дошт, яъне бинобар афзудани миқдори аҳолӣ, бахусус зиёд шудани шумораи мошину автомобилҳои давлативу шахсӣ ба талаботи давр ҷавоб дода наметавонист. Вазъият дигаргуниҳои куллиро тақозо мекард. Ва ҳоло ин муқтазо амалан иҷро мегардад. Сафариён бо чашмони худ диданд ва мушоҳида карданд, ки дар шоҳроҳ воқеан шоҳкориҳо татбиқ мешаванд.

Мувофиқи лоиҳа, ки арзиши он 118,9 миллиард сўм буда, то имрўз фақат 17,7 миллиардаш аз худ шудааст, роҳи мазкур хиёбони 8 самта мегардад. Дар он бунёди кўчароҳи пиёдагардону велосипедронон дар назар дошта шудаанд, ки бари ҳар кадом 1,5-2 метрӣ мебошад. Ба сохтмони шоҳроҳ 1360 нафар коргар ва 420 адад техника ва мошину механизмҳо ҷалб гардидаанд. Супоришгари он Ширкати инжиниринги «Хидмати ягона»-и назди ҳокимияти шаҳри Тошканд, сарлоиҳагараш Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Allegro Develop Plast» ва сарпудратчӣ Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Crahd Poad Tashkent» мебошанд...



Мавзеи дигаре, ки сафариён муваффақ шуданд аз он боздид ба амал оваранд, Маҷмўи истиқоматии бисёрошёнае буд, ки майдони умумиаш 23,4 гектар аст. Арзиши ин лоиҳа, ки таҳти сарварии сарпудратчӣ – Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Yangi Zamon Bino» бунёд меёбад, 1 триллиону 193 миллиард сўм мебошад.

Дар ин ҷо 22 хонаи бисёрошёнаи дорои 3236 ҳуҷра сохта мешавад. Бояд гуфт, ки арзиши он нисбати тарҳ ва ҳусни зоҳириву дохилиаш чандон гарон нест, яъне 1 метри мураббааш 8,3 миллион сўм баҳо дорад. Сохтмон 20 моҳ давом мекунад ва бояд моҳи декабри соли 2021 ба истифода супурда шавад. Бартарии ин манзилҳои зист он аст, ки дар сохтмони ин биноҳо аз тарроҳиҳои навини бинокорӣ истифода бурда мешавад, ба заминларзаи то 9 хол тоқатовар аст, дар гармову сармо ҳарорати якхеларо таъмин мекунад, аз тариқи сохтори видеоӣ муоина мегардад, он ба соҳибони худ дар ҳолати комилан тайёр супурда хоҳад шуд. Дар атрофи маҷмўъ дуконҳо, қаҳвахонаву тарабхона, майдонҳои варзишӣ, мавзеъҳои истироҳатӣ, амфитеатр, майдончаҳо барои бозии бачагон, марказҳои дилхушкунӣ, савдо, кўдакистон, мактаб ва ғайра низ сохта мешаванд...

Оре, истиқлол симову намои шаҳру ноҳия ва деҳаву деҳкадаҳои моро куллан тағйир дода, онҳоро ба таври ҳайратовар зебову назаррабо кард. Вале дастоварди бузургу беназири он, бидуни шубҳа, куллан тағйир ёфтани нуқтаи назар ва ҷаҳонбинии сокинони вай, мардуми кишвар мебошад.

Тавре ки Президенти муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар суханронииаш ба муносибати 29-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ўзбекистон иброз дошт: «Ҳоли ҳозир, ҳангоме ки иқтидори азими халқи мо куллан татбиқ мегардад, дар Ўзбекистон пойдевори даврони нави Барқароршавӣ – Эҳёи Сеюм гузошта мешавад. Зеро Ўзбекистони кунунӣ ин Ўзбекистони дирўза нест, халқи мо бошад, ҳоло он халқе нест, ки дирўз буд...

...Алҳол дар кишвари мо, ки ба майдони бузурги сохтмон табдил ёфтааст, бисёр корхонаҳои нав, манзилҳои истиқоматӣ, роҳу пулҳо, иншооти инфрасохтор, муассисаҳои илм, таълиму тарбия, нигаҳдории тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш бунёд меёбанд...»

Ин муваффақиятҳо ва комёбиҳову дастовардҳои бузургу арҷманди минбаъда ба халқи қодиру қобил, ба мардуми заҳматкашу заҳматписанд ва ватандўсту ватандори мо муборак бод, чунин буд хулосаи аҳли сафар аз саёҳати якрўза ба мавзеъҳои назари Президенти мамлакат расида...

Камина дар як шеъри худ, ки ҳанўз 25 сол муқаддам эҷод шуда буду дар ин навишта як сатри он сарлавҳа қарор гирифт, гуфта будам:

*Ҳеҷ шак бар ин сухан нест,*
*Тифли инсон бефатан нест.*
*Баҳри ҳамчун ман ҳабибат*
*Ҳубби ту панд аст, фан нест.*

*Ўзбекистон, Ўзбекистон,*
*ҳафт пуштамро Ватан,*
*Сарзамини саргузаштам,*
*сарнавиштамро Ватан!*

**Т.ТЎХТАЕВ (ПАЙМОН),**
**узви Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон, шоир.**

**Суратҳои Хидмати матбуоти Президент.**

# ФАРЗАНДОНИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ МЕТАВОНАНД НАМОЯНДАГОНИ ДАВРАИ ЭҲЁИ СЕЮМ ШАВАНД

***Ренессанс (Эҳё). Ман ин калимаро қаблан шунида, дар бораи он хонда будам. Ман медонам, ки бори аввал дар илм онро башардўстони Италия истифода карданд. Аммо ман қудрат ва шукўҳи ин мафҳумро ҳангоми шунидан аз забони Президент дар лаҳзаҳои ҷашни 29-умин солгарди истиқлолияти кишвар дарк кардам.***

Рўзе мерасад, ниятҳои стратегие. ки таҳти роҳбарии Президент амалӣ мегарданд, такягоҳи Эҳёи сеюм хоҳанд шуд. Бедор кардани ҷамъияти хуфта, одамон – магар ин муқаддимаи Ренессанс нест?! Ўзбекистони имрўза аз дирўза хеле фарқ дорад ва ҷавонон комилан дигаранд.

Президент бо боварӣ дар бораи ҷавонон ҳарф зада, онҳоро даъват кард, ки риёзиёт, химия, биология, илмҳои фундаменталиро хуб омўхта, ба инноватсияҳо роҳ кушоянд. Маънавият ва маърифати ҷавонон вазифаи асосии стратегии мост, ки мо онро ҳал менамоем. Дар чор соли охир дар Ўзбекистон 43 муассисаи нави олии таълимӣ ташкил карда шуд. Имсол тақрибан 1,5 миллион ҷавонон барои дохил шудан ба донишгоҳҳо ҳуҷҷат супурданд. Ҳавасмандии ҷавонон ба таҳсил 40 фоиз афзуд. Аз соли таҳсили ҷорӣ боз як низоми нав ҷорӣ карда мешавад: бо мақсади васеъ намудани имкониятҳои азхудкунии дониш ба духтарони оилаҳои камбизоат дар асоси гранти давлатӣ барои қабул ба донишгоҳҳо 940 ҷойи иловагӣ ҷудо карда шуданд. Инҳоянд имкониятҳо барои зоҳир кардани қобилиятҳои худ, баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоӣ, ҷойгоҳи сазовор пайдо намудан дар ҳаёт!

Президент инчунин ба масъалаҳои баланд бардоштани нуфузи муаллимон дар ҷомеа, музди меҳнат ба ҳамиарзиши то 1000 доллар дар як моҳ истода гузашт. Таълими босифат асоси ҳар як нақшаи оянда мебошад. Конфутсий бесабаб исбот накардааст: агар шумо барои як сол нақша кашиданӣ бошед — биринҷ кордед ва агар нақшаҳои шумо барои даҳ сол пешбинӣ шуда бошанд — дарахт шинонед; агар онҳо ба сад сол дароз шаванд — ба таҳсили кўдакон сармоягузорӣ кунед. Дар мамлакатамон мо ба оянда диққат медиҳем, барои рушд тамоми шароитҳоро муҳайё мекунем, ҷавононе, ки ба дониш саъй мекунанд, ҳавасманд мегардонем.

Дар навбати худ ҷавонон низ бояд барои рушди шахсӣ манбаъҳои ангеза пайдо кунанд – он хоҳ китоб, хоҳ асари кино, ҳоҳ варзиш ё саёҳат бошад. Ҳамаи мо бояд якҷоя барои зиёд гардондани сафи чунин ҷавононе, ки имконият фароҳам оваранд, мехонам нагуфта, дар ҳар гуна вазъият барои дониш гирифтан ва инкишоф ёфтан кўшиш мекунам, мегўянд, саъй намоем.

Бисёриҳо хуб медонанд, ки вақте дар сарзамини муқаддаси мо давраи Эҳё — Ренессанс оғоз ёфт, Аврупо ҳанўз дар хоби ғафлат қарор дошт. Барои касе пўшида нест, ки ин ҳақиқати таърихиро олимони саршиноси Аврупо эътироф мекунанд. Воқеан, китоби маъруфи шарқшиноси олмонӣ Адам Метс «Эҳёи мусалмонӣ», консепсияи академик Николай Конрад «Эҳёи Шарқӣ» бесабаб навишта нашудааст. Агар мо китоби «Die Renaissance des Islams» -ро сарчашмаи асосӣ ҳисоб кунем, пас чунин як олими бузург, ба монанди Адам Метс, ҳангоми эҷоди таҳқиқоти бунёдӣ ба мероси илмии ҳамватани бузурги мо Берунӣ такя кардааст.

Дар марҳилаи аввали Эҳё чунин олимон, аз қабили Абўалӣ ибни Сино, Мўсо ал-Хоразмӣ, Абурайҳони Берунӣ, ки дар академияи машҳури Маъмун ба воя расида, дониш гирифтаанд, саҳми худро гузоштанд. Марҳилаи дуввум бо номҳои намояндагони маъруфи тамаддуни давраи Темуриён – Мирзо Улуғбек, Алишер Навоӣ, Заҳириддин Муҳаммад Бобур алоқаманд аст. Умед дорем, ки насли ҷавони Ўзбекистони нав намояндагони Эҳёи сеюм хоҳанд шуд.

**Алишер САЪДУЛЛОЕВ,**
**директори Агентии кор бо ҷавонони Ҷумҳурии Ўзбекистон, ЎзА.**

***Ҷашни аз ҳама бузург аз ҳама азиз — 29-умин солгарди истиқлолияти кишварамон ба ҳаёти 15 ҳамватан шодии хоса овард.***

# 15 НАФАР СОҲИБИ ШИНОСНОМА ШУДАНД

Президент дар Муроҷиатномаи худ ба Олий Маҷлис 24 январи соли 2020 оид ба такмил додани қонунгузорӣ дар бораи шаҳрвандӣ ва додани мақоми шаҳрванд ба шахсони бетабаа, ки аз хориҷа омадаанд ва солҳои зиёд дар ин кишвар зиндагӣ мекунанд, супоришҳои дахлдор дода буд. Дар арафаи ҷашни бузург дар асоси Қонун «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Ўзбекистон» аз 13 марти соли равон 15 нафар ҳамватанон шиносномаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Ўзбекистонро гирифтанд.

Дар чорабинӣ ба ин муносибат сардори Раёсати корҳои дохилии вилоят, полковник А.Исмоилов шиносномаҳоро тантанавӣ супурда, бо қабули шаҳрвандии Ҷумҳурии Ўзбекистон табрик гуфт.

Юнус Раҳматов, ки 27 сол пеш аз Тоҷикистон ба вилояти Сурхондарё барои иқомати доимӣ омада буд, бо ҳамсараш Чиннӣ Умарова ва фарзандонаш дар маҳаллаи «Обод юрт»-и ноҳияи Бандихон зиндагӣ мекунад. Вай дар хоҷагии фермерии «Шуроб семурги» кор мекунад.

— Барои оилаи мо ид болои ид аст, — мегўяд Ю.Раҳматов. — Орзуи деринаи ман амалӣ шуд: мақоми шаҳрванди Ўзбекистонро гирифтам. Ин садоқат ва муҳаббати маро ба ин сарзамин мустаҳкам кард, аз он ифтихор дорам, ки ҳоло ман шаҳрванди воқеии кишваре ҳастам, ки ватани дуюми ман шудааст. Ман минбаъд низ барои беҳбудии Ўзбекистон софдилона ва пурсамар кор мекунам.

Нотиқон дар ин чорабинӣ ба Президент Шавкат Мирзиёев барои эътироф ва эътимод изҳори миннатдории махсус карда, таъкид намуданд, ки дар ободонии минбаъдаи кишвар пайваста саҳм мегузоранд.

**Х. МАМАТРАИМОВ,**
**мухбири ЎзА.**

# КОРХОНАҲОИ НАВ БА КОР МЕДАРОЯНД

**Дар маҳаллаи Қашқари ноҳияи Олтинкўл маросими ифтитоҳи корхонаи “Яхши ният текстил” баргузор гардид. Ин корхона маҳсулоти занона ва кўдаконаи трикотажӣ истеҳсол мекунад. Дар қадами аввал корхонаи мазкур 200 нафар занону духтарони маҳаллиро бо кор таъмин намудааст.**



Дар ин маросим ҳокими вилоят Шуҳрат Абдураҳмонов иштирок кард. Вай аҳли маҳаллаи Қашқарро бо бунёди ин корхона ва фароҳам шудани ҷойҳои нави кор муборакбод намуд.

Вай гуфт, ки дар вилояти Андиҷон барои соҳибкорон ҳамаи шароити зарурӣ муҳайё мебошад. Онҳо метавонанд бо истифода аз сармояҳои хусусӣ ва ҷалби сармояҳои хориҷӣ корхонаҳои дилхоҳашонро бунёд кунанд.

Ба таъкиди Шуҳрат Абдураҳмонов ҳокимияти вилоят дар роҳандозии чунин нақшаҳо ҳамеша мўсоидат ва аз наздик кўмак хоҳад кард.

Ҳамон рўз шодиву сурури соҳибкори олтинкўлӣ Ғуфрониддин Усмоновро ҳадду канор набуд.

– Барои бунёди ин корхона ҳокимият як гектар замин ҷудо намуд. Аз буҷаи шахсӣ се миллиард сўм сарф намудам ва ин корхона қомат афрохт. Соле севуним миллион дона маҳсулоти трикотажӣ тайёр хоҳем кард. Ҳамаи маҳсулоти мо ба хориҷи кишвар содир мегарданд, – мегўяд бо қаноатмандӣ ин соҳибкор.

Ногуфта намонад, ки дар ноҳияи Олтинкўл корхонаҳои масъулияташон маҳдуд хеле зиёданд. Дар миёни ин корхонаҳо “Контекс Тошкент”, “Кезар текс” ва “Мубина гранд текстик” барин корхонаҳо аз рўи истеҳсоли маҳсулот аз калонтаринҳо маҳсуб меёбанд.

Ба гуфтаи ҳокими ноҳияи Олтинкўл Назирҷон Ўринбоев мувофиқи дастури ҳудудии инвеститсионӣ соли равон дар ин ноҳия 47 лоиҳа татбиқ карда хоҳад шуд. Маблағи умумии он 260 миллиарду 558 миллион сўмро ташкил менамояд.

– То ин замон тавонистем, ки 13 лоиҳаро мавриди татбиқ қарор диҳем. Маблағи умумии он 94 миллиарду 999 миллион сўмро дар бар гирифтааст ва тавассути он 729 ҷои нави кор фароҳам овардем. Теъдоди умумии корхонаҳои тавлидотӣ дар ноҳияи мо ба 1 ҳазору 297 расидааст, – мегўяд Назирҷон Ўринбоев.

Тавре ки ҳокими ноҳияи Олтинкўл боз тазаккур дод, танҳо дар арафаи 29-солагии таҷлили Иди истиқлолияти мамлакат наздики даҳ объекти нав мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд. Яке аз ин объектҳо корхонаи “Саноати моҳидорӣ” мебошад, ки дар маҳаллаи Темирхўҷаи он арзи вуҷуд намуд.

– Арзиши лоиҳаи мазкур 41 миллиард сўм мебошад. Бо баҳрабардории ин корхона 400 нафар ба ҷои кор таъмин карда шуданд. Дар корхонаи мазкур ғайр аз он ки коргарон аз роҳи интенсивӣ ба моҳипарварӣ машғул мешаванд, ҳамзамон азнав коркарди моҳӣ низ ба роҳ монда хоҳад шуд. Дар ин корхона истеҳсоли маҳсулоти трикотажиро низ ба роҳ хоҳем монд, – иброз дошт ҳокими ноҳияи Олтинкўл.

Гуфта мешавад, ки дар ноҳия бар асоси як лоиҳаи хос корхонаи дорусозӣ бунёд мегардад. Қимати умумии ин лоиҳа шашуним миллиард сўмро ташкил мекунад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**
*Вилояти АНДИҶОН.*
**Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ (ЎзА).**

## ХАБАРҲО

## Туҳфаҳои идона

***Таҷлили 29-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки ғояи асосии «Ту сарчашмаи нирў, даргоҳи саодат ҳастӣ, Ўзбекистони азиз!»-ро дар худ муҷассам намудааст, ба хурдтаракон низ нишоти калон бахшид.***

Аз ҷумла, бо ташаббуси садорати таълими томактабии вилояти Фарғона як қатор чорабиниҳои идона рўи кор омаданд. Тарбиятгирандагони муассисаҳои таълимии томактабӣ бо туҳфаҳо сарфароз гардонда шуданд. Тўйи суннатии оилаҳои камтаъмин (аз ҳар шаҳр ва ноҳия 5 нафарӣ) дар вазъи риояи қатъӣ ба талаботи карантин хотирмон сурат гирифт. Дар муассисаҳои таълими томактабӣ дар байни падару модарони тарбиятгирандагон бо мақсади тарғиби маданияти мутолиа ва такмил додани фаъолияти захираҳои иттилоотӣ озмуни «Ташкилоти китобхон» гузаронида ва ғолибони он бо туҳфаҳои арзишноки ҳокимияти вилоят тақдир шуданд.

## Роҳи «Ровон – Фарғона» кушода шуд

***Аз 2 сентябри соли равон аз нав кушода шудани роҳи автомобилгарди «Ровон – Фарғона» ба аҳолии ноҳияи Сўх, ки дар ҳудуди Қирғизистон анклав ҳисоб меёбад, воқеаи муҳим гардид.***

Аз 17 марти соли равон бинобар паҳншавии пандемияи коронавирус роҳе, ки ноҳияи Сўхро ба маркази вилоят мепайвандад, аз ҷониби давлати ҳамсоя баста шуда буд. Ба муносибати кушода шудани роҳ дар вазъе, ки ливоҳои ду мамлакат ҷилванамоӣ доштанд, ҷамъомади тантанавӣ рўи кор омад.

Назар ба таъкиди ҷонишини ҳокими ноҳияи Сўх оиди масъалаҳои сарҳадӣ Сарвар Ҳомидҷонов, кушода шудани роҳи автомобилгарди Сўх – Риштон низ, ки бештар аз 7 сол инҷониб баста шудааст, бо иштироки расмиҳои ду мамлакат ба сифати яке аз масъалаҳои муҳими делимитатсионӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт ва интизор меравад, ин ҷодаи барои равуо наздик ва бисёр қулай тўли 1-2 моҳи наздик кушода шавад.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

## Мулоқотҳо пурсамару бонатиҷа анҷомидаанд

***Гурўҳи корӣ таҳти раёсати прокурори вилоят Ғайратҷон Фозилов тибқи нақша муаммоҳо ва мушкилоти ҷавонон ва занону духтаронро омўхтааст. Дар ин бора дафтари матбуоти прокуратураи вилоят иттилоъ дод.***

Дар ҷараёни дидору мулоқотҳо бо ҷавонон ва занону духтарони ноҳияҳои Марҳамат, Хўҷаобод, Қўрғонтеппа ва шаҳри Хонобод як қатор масъалаҳои ҳаллашон ногузир дар миён гузошта шудаанд. Аз ин теъдод 160 муроҷиати ҷавонон ва 85 муроҷиати занону духтарон то қадри имкон дар ҷои худ ҳалли худро ёфтаанд. Як қатор саволу масъалаҳои дигар барои иҷро зери назорат гирифта шудаанд.

Бино ба ин манбаъ дар ноҳияи Хўҷаобод барои 13 нафар муроҷиаткунанда имкон фароҳам оварда шудааст, ки барои ба роҳ мондани корҳои дўзандагӣ, нонвой ва челонгарӣ аз банк қарзҳои даромуддат гиранд. Шаш нафар бекорон соҳиби ҷои кор шудаанд, ба чанд хонавода балонҳои гази моеъшуда тақсим кардаанд. Ду нафар бемори камбизоат барои муолиҷа дар бемористон бо роҳхат таъмин шудаанд.

Дар ноҳияи Қўрғонтеппа 17 нафар тавонистаанд барои ривоҷ додани ҳунармандӣ аз банк қарзҳои имтиёзнок гиранд. Як теъдоди ҷавонони ин ноҳия дар корхонаву муассисаҳои гуногун бо ҷои кор таъмин шудаанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**
*Вилояти АНДИҶОН.*



# КИТОБ – САҲИФАИ РАНГИН ДАР КИТОБИ ТАБИАТ

Китоб яке аз калонтарин ноҳияҳо дар вилояти Қашқадарё буда, дар он наздик 180 ҳазор нафар умр ба сар мебаранд. Аксарияти томи аҳолиро ӯзбекон ва тоҷикон ташкил менамоянд.

Қисми асосии ноҳия – кӯҳсор, қаторкӯҳҳои Ҳисор ва Зарафшон, ки ба шукӯҳи Китоб меафзоянд, дар 4 ҳазор метр баландӣ аз сатҳи баҳр доман густурдаанд. Тавассути ағбаи Тахтақароча то 1800 метр баландӣ баромадан мумкин.

Шохобҳои дарёи Қашқадарё – Кичикҷар, Оқсув, Ҷиннидарё ва Окдарё аз ҳудуди ноҳияи Китоб мегузаранд. Гург, рӯбоҳ, архар барин ҳайвоноти ваҳшӣ, ки дар ҷойҳои дигар камшумор шудаанд, ҳанӯз дар кӯҳпояҳои ҷангалпӯши Китоб зиёд ба назар мерасанд. Ноҳия 1,75 ҳазор км² масоҳат дошта, ҷануби ҷумҳуриро бо вилоятҳои шимолӣ мепайвандад.

Насли наврас дар 90 дабистони таълими умумӣ ва 2 литсейи академӣ ба асосҳои илми замонавӣ мусаллаҳ мешавад. Дар 2 коллеҷи касбу ҳунар барои омӯхтани асрори касб ҳамаи шароит мавҷуд. Барои истироҳати мадании аҳолӣ дар 15 деҳа клубҳои равшаннамоӣ ва барои ҳамнафасӣ бо «фурӯғи субҳи доноӣ» 53 китобхона дари худ боз кардааст. Музейи шуҳрат воқеъ дар шаҳри Китоб аз таърихи пуршаън, дирӯз ва имрӯзи ноҳияе, ки бо ҷиҳатҳои ба худ хос дар ҷумҳурӣ машҳур аст, ҳикоят менамояд. Экспонатҳои он торафт меафзоянд. Якчанд фарзанди фарзонаи ин гӯша дар равнақи илму фан хидмати сазовор кардаанд. Дар музей барои ҳар кадоми онҳо стенд ва гӯшаҳо ташкил карда шудааст. Яке аз донишмандони маъруфи тоҷик, академик Абдулғанӣ Мирзоев, минҷумла, зода ва парвардаи ноҳияи Китоб мебошад.

Дар ноҳия 12 ҷамъомади шаҳрвандии маҳалла мавҷуд. Раиси ҷамъомади шаҳрвандии «Башир» Б.Сафаров мегӯяд, агар «дар мо саросар инсонҳои заҳматкаш, ободгар, хуштадбир ва осудаҳол зиндагӣ мекунанд», гӯем, шояд муболиға нашавад. Ҳар ҷони зинда дар ҷунбуҷӯл, ба онҳое, ки хоҳиши кор кардан доранд, кор ёфт мешавад. Аҳолӣ асосан ба деҳқонӣ, чорводорӣ ва ҳунармандӣ машғул бошад ҳам, дар шароити деҳот то андозае ривоҷ ёфта истодани саноатро ҳам баръало пай бурдан мумкин. Ҳар оила худро бо шуғле банд кардааст, соҳибкории оилавӣ натиҷаҳои дилхоҳ мебахшад. Аз гармхонаҳо самаранок истифода мебаранд, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ, айни замон, соҳаҳои сердаромад. Анорҳое, ки дар ин ҷо пухта мерасанд, аҷаб шираву шарбат доранд. Хуллас, ҳар кас аз имконияти худро банд кардан ва хуб зиндагӣ намудан истифода мебарад.

Давлати мо дар роҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пуштбонии аҳолии ночор чораҳо мебинад. Аз инҳисороти камбағалӣ баровардан яке аз самтҳои сиёсати давлатист. Дар шароити пандемия барои онҳое, ки дар «дафтари оҳанин»-анд, маблағҳои муайян ҷудо карда шуд. Дар мо як муаммо ҳаст, мегӯяд бо табассум Б.Сафаров, он ҳам бошад муайян кардани одами ночор. Ростӣ, ба кӣ ҷудо кардану додани кӯмакпулиро надониста, гоҳо саргаранг мешавем...

Ба фаъолият оғоз намудани ҷамъияти саҳҳомии «Китоб ип йигирув корхонаси» вақти зиёд нагузаштааст. Вале калобаҳое, ки ин ҷо омода мешаванд, бо хушсифатии худ маълум ва машҳур. Корхона ба ҳудуди сектори чаҳорум тобеъ буда, қувваи кориро асосан ҷавонони деҳот ташкил менамоянд. Кор дар се баст ташкил ва 112 нафар бо шуғл фаро гирифта шудаанд. «Агробанк»-и ноҳия барои васеъ сохтани ҳаҷми истеҳсолот ва модернизатсияи коргоҳ 15 млн. евро ҷудо намуд. Моҳи октябри соли равон навсозиҳо дар ин ҷо ба поён расида ва барои ташкил кардани боз 360 ҷойи корӣ имконият фароҳам меояд. Сайёҳӣ низ яке аз соҳаҳои сердаромад буда, манзараҳои диловези кӯҳсор, кӯл ва чашмасорҳо, қадамҷоҳои бузургон ва масканҳои муқаддас, ки ба зиёратгоҳ табдил ёфтаанд, эътибори сайёҳон ва зоирони дохилию хориҷиро ба худ мекашанд.

Мавзеъҳои кӯҳӣ дар ноҳияи Китоб воқеан саҳифаи рангин дар китоби табиати фусункор мебошанд, мегӯянд онҳое, ки аз гӯшаҳои зебои ин қаламрав дидан кардаанд. Хусусан, баҳор ва тобистони Китоб таровати дигар дорад. Дар ҳар қадами кӯҳпораҳо як чашмасори хурӯшон. Ба қуллаҳо баромада, атрофро назорат кардан, гулдурросзанон фуромадани шаршараҳо гӯш андохтан, аз ҳавои мусаффо чуқур-чуқур нафас кашида, кӯфтагӣ баровардан аҷаб гуворост.



Аз баландиҳо гӯё об не, шир мефуроад кафкҳои сафед ба ҳар сӯ пош дода ва аз гирду атроф ғуборҳо шуста.

Об – манбаи ҳаёт. Дар баландии Ниёзтеппаи ноҳияи Китоб бошад, чашмасорҳо мисле шоҳрагҳои табиати зинда, ки виқору худнамоиҳо дорад. Обшоруҷӯйборҳое, ки аз баландиҳо фуромадаву ба дашту саҳро пайвастаанд, ба майдонҳои ташналаб ҷон ато менамоянд. Дар фарози Ниёзтеппа мақбараи Саид Аҳмад Башир мавҷуд аст. Барои зиёрат кардани ин маскани муборак лозим меояд тавассути зинаҳои ҳархелаи табиӣ ба баландиҳо бароӣ ва арақи ҷабин резӣ. Вале чун ба ҷойи лозимӣ бароммадед, хастагӣ зуд рафъ шуда, нафаси сабук мекашед. Ба атроф ҳавасангез менигаред: воҳаи хушманзар, ки сарҳадҳояш то дуриҳои дур доман густурдааст. Чунин ба назар метобад уфуқ боз ҳам васеътар шуда, гирду атроф виқору азамати дигар касб намудааст. Воқеан паҳноварии Ватани азизро дигарбора ҳис менамоед. Ҳазрати Башир кӣ буд?

Ҳазрати Султон Саид Аҳмади Башир (1368-1464) яке аз чеҳраҳои намоён дар олами ислом буда, ёдгории ӯ дар ҷойи зикршуда аз объектҳои динист, ки эътибори хориҷиёнро низ ба худ мекашад. Дар китоби «Таърихи ҳазрати Башир» оиди зиндагии ӯ фактҳои ҷолиб ҷо гирифтааст. Тавре дар он қайд мешавад, Аҳмади Башир ҳамзамони Мирзо Улуғбек буда, аз ин шоҳ ва мунаҷҷими бузург марҳамат ва меҳрубонии зиёд дидааст. Алӣ Қушчӣ низ ба Аҳмади Башири чун валӣ шуҳратёфта ихлоси калон дошт. Вай ҳатто аз Самарқанд ба Китоб омада, дар кӯҳпояҳои он чанд муддат зист ва ба ҳазрати Башир хидмат намуд.

Падари ҳазрати Башир – Хоҷа Ҳасан ва модараш Малоҳатбону умри тӯлонӣ дидаанд. Солҳои зиёд фарзанд умедвор шуданд ва дар дами пирӣ, ниҳоят, писардор гаштанд ва ба тифл Саид Аҳмад ном гузоштанд. Аммо аз пистони модар шир наомад. Вай тифлро бардошта ба баландие баромад ва лаби чашмасоре нишаст. Ва аз қаър гӯё об не, шири сап-сафед дамида баромад ва ба тифл ҳаёт бахшид.

Чашмасоре, ки замонҳое ба тифли хислатнок, ки баъдтар чун валӣ шуҳратёр гаштааст, оби ҳаёт бахшид, ҳоло ҳам мавҷуд. Оби соф ва сап-сафеди он шири модарро ба хотир меорад. Барои зиёрати чашмаи мӯъҷизаомез ва дидан кардан аз ёдгории воқеъ дар Ниёзтеппа, ки ба номи Саид Аҳмади Башир мутааллиқ аст, аз Миср то Муғулистон сайёҳон меоянд. Онҳое низ меоянд, ки ба дину оинҳои дигар мегароянд.

Эҳтимол бо назардошти он ки ҳазрат бе шири модар устухон шах кард, Бешир низ ном мебаранд он зоти муборакро.

**М.ШОДИЕВ.**
**Суратгир: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ЎзА).**




АХЛОҚ

# ҲАМСОЯ ВА ҲАМСОЯДОРӢ

Гоҳо Зардуштро, бо назардошти яшту гоҳҳои «Авасто», ки андешаву афкори ахлоқиро дар бар мегиранд, баъзеҳо нахусташоир қаламдод кардаанд, ки дуруст аст. Дар ин навишта сухан аз Зардушт ва муҳтавои китоби ӯ — «Авасто» нест. Мехостем бигӯем, ки панду насиҳатгӯии шуаро ва фузалои миллати тамаддунсози мо аз «Авасто» оғоз меёбад. Бисёре аз байтҳои боқимондаи Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ низ панду ахлоқиянд. Дар «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ низ абёти панду ахлоқӣ кам нестанд. Шайх Саъдӣ аз шоирони пандгӯйи дунёст. Дареғо, имрӯз, шояд дар қарнҳои гузашта низ чунин буд, гӯши пандшунав зиёд асту ҳуши пандпазир кам. Адабиёти беш аз сеҳазорсолаи мо, мисли «Қобуснома»-и Унсуралмаолии Кайковус, дорои насиҳатномаҳои зиёдест.

Чаро ин хел? Зеро, ба қавли Умари Хайём: «Ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид, рафтанду равему боз оянду раванд». Бо мурури замон пирон дармегузаранд, насли наврас ҷойгузини онҳо мегардад. Насли ҷавон (ғӯраҳо) — инсонҳои ба камолнорасида ба тарбия ҳамеша ниёз доранд... Донишмандони дунё эътироф намудаанд, ки тарбияи инсони нав кори басе мушкил аст. Ёдам ҳаст, роҳбари давлатамон низ вақте сухан дар бораи маънавият ва тарбияи ҷавонон меравад, такрор ба забон меорад: «Тарбия, тарбия ва боз тарбия». Боре як инсони хирадманд, бо такя ба гуфтаҳои пешинагон ба ин ҷониб гуфт: «Инсон, мисле, ки аз кор дер намемонад, дар тарбияи фарзанд низ набояд дер монад». Ва мисол овард, ки дарахтро дар ҷавонияш, ҳанӯз вақте ки ниҳол аст, рост мекунанд, вақте дарахт шуд, рост кардан натавон, ба сӯе хам кунед, мешиканад.

Зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ низ, ки як ҷузъи адабиётанд, моҳияти тарбиявӣ доранд. Аҷдоди мо тӯли қарнҳои зиёд, ҳангоми насиҳат ба фарзандон аз суханони ҳикматнок бамаврид истифода бурдаанд. Шоири бузурги қабардину балқар Қайсин Қулиев гуфтааст, ки дар мақолу зарбулмасалҳо таҷрибаи дерсолаи халқ нуҳуфтааст, халқ баъди панҷоҳ ё сад соли зиндагӣ, дар асоси таҷрибаҳои андӯхтааш як мақол ё зарбулмасалро офаридааст.

Бигирем, дар бораи ҳамсоя ва ҳамсоядорӣ дар бисоти маънавии халқҳои дунё, аз ҷумла халқи тоҷик, мақолу зарбулмасалҳо фаровонанд. Бисёре аз онҳоро мо дар бачагӣ аз бобою бибӣ ва падару модарон шунида, ба дафтари ёд кӯчондаем.

Мисли дигар халқҳои фарҳангӣ тоҷикон низ дар вожасозӣ ҳунари кофӣ доранд. Ин ҷиҳат дар номгузорӣ ба фарзандон, ашё, ҳодисаҳои табиӣ... ҳувайдо мегардад. Бигирем, халқҳои дунё ба одамоне, ки бо одамони дигар наздик ва девордармиён ба сар мебаранд, аз дидгоҳи худ ном гузоштаанд. Тоҷикон ва форсизабонони дунё ба ин гуна одамон номи ҳамсояро раво дидаанд, ки аз пайвандаки «ҳам» ва решаи «соя» таркиб ёфтааст.

Соя дар тобистони гарм қимате дорад, мардум одатан дар сояҳои ғафсу тунуки дарахтону деворҳо аз сӯзани халандаи нури офтоб паноҳ меҷӯянд. Дар сояи касе ба сар бурдан маънои маҷозӣ дорад. Аҳли оилаи мо тобистонҳо дар сояи девори ҳамсоя, ки ба ҳавлиамон меафтод, нонушта мекард, ҳамсояамон бо аҳли байташ дар сояи дарахти гуҷуми мо, ки ба ҳавлиаш меафтод, хӯроки нисфирӯзӣ мехӯрд...

Падарам, вақте сухан аз ҳамсоя ба миён меомад, мегуфт: «Ҳамсоя ба номи Худо баробар аст» ва шарҳ медод, ки бояд ҳурмати марду зани ҳамсояро ба ҷо овард, бо аъзои оилаи ҳамсоя дурушт гуфтан нашояд ва гоҳо илова мекард: «Аз хеши дур ҳамсояи наздик беҳ». Вақте суоломез менигаристем, шарҳ медод: бигирем, Худо нигаҳ дорад, дар хонаи нафаре сӯхтор ба амалояд, дар навбати аввал кӣ ба ёрӣ мешитобад — ҳамсоя! Хеши дур шояд баъди хомӯш шудани сӯхтор расидагӣ кунад. Вақте мехоҳед тӯю суре барпо намоед, дари шуморо аввал ҳамсоя мекушояд, ба хидмататон миён мебандад, қисмате аз иштирокдорони тӯйу маъракаро дар хонааш ҷой медиҳад... Ҳамчунин, ба ин маънӣ дар мақоле омадааст: «Дӯст магӯ, ҳамсоя гӯ». Яъне, қимати дӯст аз ҳамсоя болотар аст. Воқеан, ҳамсояи хуб дӯсти мост.

Шоири дигари классики форс-тоҷик Хоҷа Ҳофиз доир ба ҳамсоядорӣ байти обдоре дорад, ки аз насиҳат орӣ нест. Одатан, баъзе одамони доро, соҳибҷоҳ (мансабдор) ва подшоҳу вазирони мутакаббир аз якҷо нишастан бо дарвешон, бемансабон ва гадоён ҳазар мекунанд, ки хушоянд нест. Одамизода ҳамеша бо орзуи он ба сар бурдааст, ки мамлакатро подшоҳи одил идора кунад. Ин орзу дар адабиёти қадиму ҷадиди мо инъикос ёфтааст. Яке аз шартҳои адолати подшоҳон аз ҳоли муфлисон ва гадоён хабар гирифтани онҳо будааст. Биноан, Ҳофиз фармуда:

*Аз адолат набувад дур,*
*гараш пурсад ҳол,*
*Подшоҳе, ки ба ҳамсоя*
*гадое дорад.*

Мақоли зерин низ инсонҳоро ба некҳамсоягӣ даъват менамояд, ки ин аст: «Агар гилем бифурӯшӣ, ба ҳамсоят бифурӯш, ки дар як гӯшааш худат низ менишинӣ». Вақте ҳамсоя дар коре комёб мегардад, ҳамсояи ӯ ба дунболи аз худ кардани таҷрибаи вай мегардад. Яъне ҳар амали неки ҳамсоя қобили пайравист. Бо назардошти ин, аҷдоди дуру наздики мо ба фарзандон бехгӯшӣ кардаанд: «Харбуза аз харбуза ранг гирад, ҳамсоя аз ҳамсоя панд».

Пӯшида нест, қариб ду даҳсола муносибати кишвари мо бо ҳамсоядавлатҳо хуб набуд. Инак, ду-се сол аст, ки бо кӯшишоти сарвари мамлакатамон ва иродаи сиёсии роҳбарони ҳамсоякишварҳо яхи дилҳо об шудан дорад, мақоли пурбори «Аз хеши дур ҳамсояи наздик беҳ» бароямон ғизои маънавӣ мебахшад.

Бо ҳамсояи нек ба сар бурдан саодати ду дунёст. Вале гоҳо мешавад, ки ба сабаби зиштии баъзе ҳамсояҳо айши мардум талх мешавад. Дар ин сурат роҳи халосӣ ё кӯчидан ё кӯчондани ҳамсояи зишт бошад. Ба фикрам, мақоли халқии «Хона нахар, ҳамсоя хар» ба хотири бо одамони зишт ҳамсоя нашудан гуфта шудааст. Ба ин маънӣ шоир Авҳадӣ фармудааст:

*То надонӣ,*
*ки кист ҳамсоя,*
*Ба иморат талаф*
*макун моя.*

Дар боло гуфтем, ки гӯши пандшунав бисёр асту ҳуши пандпазир кам. Агар ин навишта ба теъдоди ҳуши пандпазирон биафзояд, роқими ин сатрҳо худро ба ҳадафрасида меҳисобид. Агар на, сад дареғ...

**А. СУБҲОНОВ.**

## ХАБАРҲО

### ТИМСОЛИ МУҲАББАТИ ПОКУ БЕОЛОИШ

***Синамогарон ҳоло дар ноҳияи Бахмали вилояти Ҷиззах бо номи «Баҳори муҳаббат» филми бадеиро ба навор мегиранд. Дар ҷараёни банаворгирӣ қариб ҳазор нафар сокинони маҳаллӣ якҷоя бо ҳунарпешагон иштирок менамоянд.***

Назар ба гуфти филмофарон дорбозон аз вилояти Фарғона, бахшиён аз воҳаи Сурхон ҷалб гардидаанд. Бахшигӣ дар филм нақши асосӣ дорад, зеро Ҳамид Олимҷон дар сурудаҳояш бахшигиро хеле зиёд васф намудааст. Воқеаҳои филм марбут ба солҳои 1920-1942 мебошад ва асосан дар шаҳрҳои Қӯқанд, Тошканд ва Қрим сурат мегиранд.

Коргардони филми мазкур Иброҳим Расулов мебошад. Ӯ дар асоси сенарияи таҳиягардида бар он кӯшидааст, ки рӯзгори шоирон Зулфия ва Ҳамид Олимҷонро дар пеши назари тамошобинон равшантар ҷилва намояд.

– Қисми асосии филмро дар ноҳияи мо ба навор мегиранд, – мегӯяд роҳбари шуъбаи ноҳиявии Бахмали Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ Диёр Саъдуллоев, – аммо наворбардории баъзе қисмҳои он дар ноҳияҳои Арнасой, Шароф Рашидов ва Фориш низ сурат мегиранд. Филм дар ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ аҳамияти калон дорад.

### ШАРОИТИ ХУБ БА МУҲОФИЗОНИ ТАБИАТ

***Мамнӯъгоҳи давлатии «Нурато» ҳанӯз соли 1975 ташкил ёфтааст. Аз несту нобудшавӣ нигоҳ доштани олами бойи набототу ҳайвонот аз вазифаҳои асосии коркунони мамнӯъгоҳ ба шумор меравад. Ҳудуди мамнӯъгоҳ аз 500 метр то қариби 2200 метрро дар бар мегирад.***

Аз нӯҳ мамнӯъгоҳи ҷумҳурӣ дутояш дар ҳудуди вилояти Ҷиззах воқеъ аст. Назар ба гуфти коркунон дар мамнӯъгоҳи давлатии «Нурато» 850 навъи рустанӣ месабзад, ки аз ин 33 намуд хеле нодир (эндемик) мебошад. Аз ин рӯ, мамнӯъгоҳи мазкурро ба сифати Модели хурд дар Осиёи Марказӣ ном мебаранд.

Ба наздикӣ дар арафаи Иди истиқлол бинои нави маъмурияти мамнӯъгоҳ дар маркази ноҳияи Фориш ба истифода супурда шуд. Ба сохтмони он 1 миллиарду 114 миллион сӯм маблағ харҷ гардид.

Дар ҳамон рӯзҳо дидбонгоҳи нави «Тузкон» (дар маҷмӯи кӯли Айдар - Арнасой Тузкон) мавриди истифода қарор гирифт. Нозирон соҳиби сарулибоси нав ва завраққо гардидаанд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ЧИЗЗАХ.*

*Ҳалима АҲМЕДОВА*

# СОЯ

*(Ҳикоя)*

Шаби торик. Аз дур шӯълаи чароғе ба дарахти биҳии пири гӯшаи боғ, ки дар зери он зане писарчаи сесолаашро маҳкам ба оғӯш гирифта нишаста буд, меафтид.

– Писарам, тарсидӣ?

– Не, очаҷон, чаро додом туро доим мезанад?

– Худо ягон рӯз инсоф медодагист...

– Худо дар куҷо, оча?

– Аз мо хеле дур...

– Дур бошад, ману туро чӣ хел мебинад?

– Ӯ ҳамаро мебинад, бузургу тавоност...

– Ба Худо гӯй, додома ҷанг кунад.

– Мегӯям, писарам, мегӯям...

Торикии ваҳмангези шаб гӯё бо таппиши дили зан меомехт. Гулҳои беҳисси дарахти биҳӣ мерехтанд. Садои гурбаҳои ёбоӣ ба гӯш мерасид:

– Мияв, мияв, мияв...

Кӯдаки андак оромгирифта тарсиду чашмонашро боз кард.

– Очаҷон, тарсида истодаам. Биё, ба хонаамон равем.

– Писарам, натарс, ин овози гурба. Хоби додоят барад, баъд ба хона медароем.

– Хунук хӯрдам.

Зан мисли хасисе, ки хазинаашро маҳкам дар бағал медорад, писарчаашро ҷафстар ба сари дилаш фишурд.

– Камтар сабр кун, писарам, камтар...

Сагҳои дайду ваҳмангез уллос кашиданд. Дилу ҷисми зан нохушиеро ҳис карда, ба ларза даромад...

Сояи масти бехуд калавида-калавида боғро поймолкунон фарёд зад:

– Дар куҷоӣ, ифлос! Ёбам туро сар мекaнам!

Аз тарс чашмони писарак калонтар кушода шуданд.

– Очаҷон, додом-ку?!

Зан даҳони кӯдакро бо дасташ оҳиста пӯшид:

– Ҷимм...

Соя калавида-калавида ба ҷойи пинҳоншудаи модару кӯдак наздик мешуд. Онҳо тарсидаю ларзида менишастанд ва гулҳои ларзони биҳӣ ба замин мерехтанд...

Зан писарчаашро аз бағал раҳо намуда, ба замин шиnotнду ба пешвози соя баромад ва фарёд зад:

– Аз ман чӣ мехоҳӣ?

– Ифлос, дар ин ҷо будаӣ-ку?

– Ку бигӯй, ба ту чӣ бадӣ кардам?

Бӯйи бади даҳони соя боғро фаро гирифта буд.

– Чӣ кор карданатро магар намедонӣ? Фоҳиша! Барои чӣ дар забони ҳамаи мардон номи ту? Занат хушрӯ, занат зебо, занат пазанда, дӯзанда... Ба кӯча бароӣ, ду чашми ҳама ба ту, барои чӣ, ку гӯ?

– Ту аз ақл бегона шудаӣ...

– Магар ман аз ақл бегона шудаам?

Соя калавида аз миллаҳои зан дудаста дошта кашола кард. Гиряи кӯдак дили холии шаби торикро пур кард:

– Додо, очаамро назан!!!

Соя кӯдаки ба ӯ часпидаро бо пояш чунон зад, ки мисли тӯб парида рафт. Зан тамоми қувваашро ҷамъ карда, ба сари дили соя чанд мушт зад ва мисли бод ба ҷониби писарак давид.

– Писаракам, вой, писаракам, магар ягон ҷоят лат хӯрд?

Писарак садои очаашро шунида ба худ омад.

– Очаҷон, аз ин ҷо зуд меравем.

Зан кӯдакашро ба бағал гирифта гурехтанӣ шуд.

– Ба куҷо меравем, писарам?

– Ба олами афсонаҳо, ба он ҷое, ки додом моро намеёбад.

Зан дар ҳолате, ки писаракашро маҳкам дар бағал дошта буд, аз девори пастаки боғ гузашта аз ишқи номи худ, аз рӯзгораш, ки бо садҳо орзуву ният барпо карда буд, аз сояи маст, ки ҳар соату ҳар дақиқа ӯро таҳдид мекард, фирор кард...

– Писарам, ба кадом афсона меравем?

– Ба афсонае, ки додои писараш одами хуб бошад.

– Хуб, бачаҷонам, хуб...

Зан ба ақиб нигоҳ накарда медавид, насими баҳор ба гулҳои биҳие, ки миллаҳои занро оро медоданд, бо тааҷҷуб нигоҳ карда чизеро пурсиданӣ мешуд:

– Зуув-зуув-зуув...

Осмон чодари сиёҳи шабро пора кард.

Дар дуродур суроби зане, ки тифлашро бардошта ба ҷониби уфуқ ҳаракат мекард, торафт ноаён мешуд...

**Аз ӯзбекӣ тарҷумаи Б. САОДАТ.**




# НАМУНАҲО АЗ ЭҶОДИЁТИ АДИБОНИ ВИЛОЯТИ ФАРҒОНА

## Сабақҳои умр

Дар ин дунё шоҳону саркардаҳо низ бо нафс ба ҷанг даромада, мағлуб шудаанд.

***

Ҳасад ба муваффақияти дигарон азову мотам аст.

***

Айби ҳеҷ касро бехтару бештар аз худи ӯ намедонад.

***

Ба ман касе писанд нест, пас ман ҳам писанди ҳеҷ кас нестам.

***

Баъзан қарз дода аз ду чиз маҳрум мешавӣ: аз пул ва аз дӯст.

***

Ҳарчанд сарватат зиёд аст, қабри худро бо барқ чароғон карда наметавонӣ.

***

Одамоне, ки чеҳраашон кушод, ситораашон гарм, чашмонашон дурахшон ва хоксоранд, намедонанд, ки чӣ қадар одамони хушбахтанд.

***

Аз шаш чиз одамон парҳез намекунанд: пулу мол, амал, мукофот, таоми хушмаза, либоси хуб ва лаззати ишқ.

***

Дӯст ҳар қадар зиёд бошад, хуб аст, аммо ба ҳамаи онҳо такя кардан наметавон.

***

Агар ҷойи аспро мегирифт, касе асп парвариш намекард.

***

Ибодати одамони чашмонашон бозу дилашон кӯр никоб барои қонеъ кардани нафсашон аст.

***

Қаламкаши тарсу аробакаши аробаи холист.

***

Агар Ҳақ маъруф нагардонад, халқ иқрор намешавад.

***

Ҷасорат қумондони тамоми эҳсосот аст.

***

Дурустии тарозуи адолат ба тарозубон вобаста аст.

**Сайфиддин ИНОЯТОВ,**
**омӯзгори собиқадор**
**аз деҳаи Хуррамободи**
**ноҳияи Риштон.**

## ҲИКОЯТҲО АЗ ҲАЁТИ БУЗУРГОН

### АЗ НЕК БОҒ

Мегӯянд, ки Шоири халқии Тоҷикистон, дорандаи чандин мукофотҳои давлатию байналхалқӣ, Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ Мирзо Турсунзода осоишгоҳи «Зумрад»-ро дӯст медошт. Он вақт осоишгоҳи "Зумрад" дар миқёси Иттиҳоди Шӯравӣ ном бароварда буд. Ҳар боре, ки шоири бузург меҳмони осоишгоҳ мегашт, ба сардухтури он, фарзанди ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона Мирзо Олимов, асосгузор ва сабабгори шӯҳратёр гаштани осоишгоҳ, ҳамсӯҳбат мегашт. Ва ба шарофати қадами муборaки шоир навгонии назаррас дар осоишгоҳ рух медод.

Яке аз рӯзҳои гармои тобистон Мирзо Турсунзода ба "Зумрад" меояд ва баъди баровардани кӯфтагии роҳ сардухтурро наздаш хонда, аз бурду бохти осоишгоҳ пурсон мешавад. Ҳарду Мирзоҳо саргарми сӯҳбат шуда, ба лаби наҳраки Исфара, ки аз миёни осоишгоҳ мегузарад, расиданашонро нафаҳмида мемонанд. Ва ҳарду каме шамоли дарё хӯрда пас мегарданд. Ин дам Мирзо Турсунзода хам шуда аз замин сангеро мебардорад ва сӯйи баландӣ ҳаво дода ба сардухтур мегӯяд: Мирзоҷон, дониста мон, дар ана ҳамон ҷойи сангафтода мебояд як чойхонаи зебое созонӣ, ки номаш "Сино" бошад. Зеро "Зумрад" бе чойхонаи зебо маъние надорад. Бубинед, Парвардигор ёр шуду бо давутози сардухтур Мирзо Олимов то ташрифи ояндаи Мирзо Турсунзода чойхонаи зебое бо номи "Сино" дари худро ба рӯйи меҳмонону истироҳаткунандагон боз кард. Чуноне ки мегӯянд, аз нек боғ мемонад, гарчанде имрӯз ҳарду Мирзо байнамон нестанд, аммо ном ва амали некашон вирди забонҳост.

Байт:

*Касе, к-ӯ шуд ба номи нек машҳур,*
*Пас аз маргаш бузургон зинда доранд.*

### ВОХӮРӢ ДАР МАЙДОНИ ҶАНГ

Мегӯянд, ки адиби ҷанговар Ҳабиб Аҳрориро дар майдони ҷанг ба супориши муҳиме ба хати пеши фронт мефиристанд. Вай даруни хандақҳои печутобхӯрда сангу хоктӯда, деворҳои валангору хокистари чӯбу тахтаҳои нимсӯхтаро паси сар карда пеш мерафт ва аз ҳар як ҷанговари рӯ ба рӯ омада куҷо будани штаби баталонро суроғ мекард. Аҳрорӣ пурс-пурсон ба хандақе наздик мешавад ва назди хандақи он чашмаш ба марди ҳарбие меафтад, ки болои суфачаи хокӣ чизе менавишт. Аҳрорӣ ба ӯ синчакорона дида дӯхта мефаҳмад, ки вай рутбаи лейтенантӣ доштааст. Сари синаашро бошад, нишони "Ситораи сурх" оро медод. Вақте ки Аҳрорӣ аз вай ҷойи даркориро мепурсад, марди ҳарбӣ ҷаста аз ҷояш мехезад ва дар як он чашмони онҳо ба ҳам бархӯрда чӣ гуна якдигарро ба оғӯш партофтанашонро надониста мемонанд. Он марди ҳарбӣ шоири ҷанговар Ҳабиб Юсуфӣ буд. Ва ин гуна вохӯриҳои ду ҳамшаҳр, ду ҳамному ду адиби тоҷик Ҳабиб Аҳрорию Ҳабиб Юсуфӣ дур аз Ватан, дар майдони мудҳиши ҷанг, зери бӯйи ғализи тиру дору борҳо рух дода, ҳатто дар якеи он вохӯриҳо Ҳабиб Юсуфӣ шеърҳои дар хандақҳо эҷодкардаи хешро ба дӯсташ хонда медиҳад.

Вале бори чорум Ҳабиб Аҳрорӣ ба дидори Юсуфӣ омада, хандақро фурӯрафта мебинад ва ба ҳамин мукотибаи онҳо канда мешавад.

Байт:

*Ман аз ту ҷудо намешавам то дами марг,*
*Ҳар гаҳ бимирам, ҷудо кунад марг аз ту.*

### РАФТОРИ "ДЕҲОТИЁНА"

Мегӯянд, ки дар идораи журнали "Гулистон" ходимон ҳар рӯз вақти танаффуси нимрӯзӣ ба шатранҷбозӣ машғул мешуданд. Баъзан ба бозӣ чунон дода мешуданд, ки ҳатто фарорасии вақти корӣ ба гӯшаи хаёлашон намеомад. Муҳаррири журнал Абдусалом Деҳотӣ аз танаффус баргашта шоҳиди воқеа мешуд, аммо гап назада ба кабинети кориаш даромада мерафт, вале ин ҳолат чандин рӯз давом кардан мегирад. Бинобарин, муҳаррир мебинад, ки намешавад, рӯзе ҳамаи ходимонро ба ҷамъомади таъҷилӣ даъват менамояд.

Вақте ки ҳама ҷамъ мешаванд, Деҳотӣ мегӯяд: Ходимони азиз, рости гап ба шумоён ҳавасам меояд. Шумо ҳар рӯз бо шавқ шатранҷбозӣ мекунеду дигарон ба тамошо банд. Аз ин маълум мешавад, ки шатранҷ бозии хеле хуб аст. Аммо мани бечора аз ин маҳрумам. Аз ин рӯ, биёед, ин бозиро ба ман ҳам ёд диҳед, то ман ҳам қатори шумоён бошам. Баъд ба идораҳои болоӣ рафта гӯям, ки мо ҳама шатранҷбоз шудем, бинобар ин ғами нашри журналро аз сари мо дур кунед. Ана баъд бемалол, ба хотири ҷамъ бозӣ карда мегардем. Бо таъбире ин рафтори муҳаррир барҳақ "рафтори деҳотиёна" буда, бе ҳеҷ як сахтрасию дилозорӣ ходимон ба интизом кашида шуданд.

Байт:

*Чу бишнавӣ сухани аҳли дил, мағӯ, ки хатост,*
*Суханшинос наӣ, ҷони ман, хато ин ҷост.*

Таҳияи **Баҳриддин ТОҶИДДИНОВ.**

## АЗ САДОЯШ САНГИ ДИЛҲО ОБ МЕГАРДАД

Тоҷибой Юсуфов – ин овозхони номдору шоистаи воҳаро аз синни наврасӣ мешиносам. Мо дар деҳаҳои аз ҳам ҷудо зодаву парварда шудаем, аммо боҳам синни муштарак дорем. Тоҷибой ҳанӯз аз хурдӣ ба ҳунари овозхонӣ шавқу ҳаваси зиёд дошт. Хусусан, вақте ки солҳои донишҷӯӣ дар Донишкадаи ҳунарҳои зебои Тоҷикистон барои таҷрибаомӯзӣ ба хонаи маданияти хоҷагии ҷамоавии Сӯх омадам, медидам, ки Тоҷибой Юсуфов аллакай бо садои дилнишини худ дар маросимҳои гуногун ҳунарнамоӣ мекунад ва мухлисони зиёд пайдо кардааст.

Эшон Аҳмадов – устоди равоншоди тамоми ҳунармандони воҳа солҳои дароз ба хонаи маданияти хоҷагии ҷамоавии Сӯх сарварӣ мекард. Вай ҳамеша кӯшиш ба харҷ медод, ки овозхонҳои маҳаллӣ дар маъракаву маросимҳо ширкат кунанд. Ҳамроҳи овозхонҳои шинохта Муҳиддин Аминов ва булбули мо – Мирзоҷон Ғозиев вай Тоҷибой Юсуфовро низ ба ин маҳфилу маросимҳо мефиристод. Ҳамин тавр, Тоҷибой аллакай бо овози форами худ дар байни хосу ом шуҳрат пайдо кард.

Дар маросимҳои иду тантанаҳо, ки мардуми зиёдро фаро мегирифт, суруд хондан кори чандон саҳлу сода набуд. Аммо Тоҷибой Юсуфов оҳистаоҳиста барои ҳунарнамоӣ дар рӯйи ин саҳнаҳои баланд одат кард. Яке аз чунин баромадҳои ӯ ҳамчун узви фаъоли дастаи фолклории хонаи маданияти ноҳия дар маросими таҷлили иди Наврӯз ба вуқӯъ пайваст. Дар боғи маданият ва истироҳати маркази вилоят одамони зиёд ҷамъ омада буданд.

Вақте ки навбат ба ӯ расид, садои мусиқии зебо ба атроф паҳн шуд. Аз як гӯшаи саҳна вай замзамакунон баромада омад. Байтҳои аввали суруди халқиаш нағз дар хотирам мондааст:

*Эй мардуми Фарғона,*
*Бидиҳед шодиёна,*
*Хонед шеъру тарона,*
*Рақсед бе баҳона,*
*Чун иди наврӯз омад,*
*Наврӯзи фирӯз омад!*

Мусиқии ҷаззоб ва ба он пайвастани садои ҷарангосии Тоҷибой мардумро ба шӯру ғулғула афканд ва зери ин



суруду оҳанг бисёре аз тамошобинон мерақсиданду мехиромиданд.

Чанд сол муқаддам, дар таҷлили иди истиқлол вай ширкат намуд ва дар майдони "Истиқлол"-и пойтахт санъати воло овозхониашро намоиш дод. Баъд якҷо бо гурӯҳи фолклории Хонаи маданияти ноҳия дар фестивалҳои гуногун иштирок намуд ва бо дипломҳои хос сазовор гардид. Ҳоло як гӯшаи Хонаи фарҳанги ноҳияро ҳамин ифтихорномаҳои ӯ зеб медиҳанд.

Тоҷибой Юсуфов ба ду забон суруд мехонад: тоҷикӣ ва ӯзбекӣ. Дар феҳрасти ӯ бештар суруду таронаҳои классикӣ ҷой гирифтаанд. Вай сурудҳои "Муноҷот", "Савти муноҷот", "Дугоҳ", "Тановор", "Қаро кӯзим", "Ҳасратга доғман" ва амсоли онро хеле бо маҳорат ва дилангез месарояд. Барои ҳамин мардум ӯро дӯст медоранд ва эҳтиром мекунанд.

Боре вайро ба шаҳри Тошканд даъват карданд, то ки дар теле-шоуи "Айтишув" иштирок кунад. Аввал хост аз ширкат дар он даст кашад. Вале сонӣ қарор кард, равад. Дар муқобили Тоҷибой яке аз санъаткорони шинохта ҳунарнамоӣ мекард. Ӯ ба ҳайси намояндаи ноҳияи дурдасти водӣ дар ин мусобиқа хеле маҳорати хуб нишон дод. Садои марғуладор ва дилчаспи ӯро аҳли толор бо кафкӯбиҳо пазироӣ карданд.

– Ман маҷбур будам, ки номи диёрамро баланд бардорам. Барои ҳамин бо тамоми ғайрат ҳунарнамоӣ кардам, – мегуфт ӯ ба мо.

Дарвоқеъ, иштирок дар "Айтишув" ва озмуни "Таранну" Юсуфовро боз бештар дар байни мардум шӯҳратёр гардонид. Ҳам мутахассисон ва ҳам тамошобинон ба маҳорати баланди сароядагӣ ва навозандагии вай ҳамеша баҳои баланд медоданд.

Вай шогирдони зиёдеро низ тарбия кардааст. Яке аз шогирдони ӯ бародараш – Абдуваққос аст, ки кайҳо дар миёни овозхонҳои ноҳияи Сӯх мавқеъ ва манзалати хос пайдо намудааст.

– Солҳои наврасӣ медидам, ки акоям тор навохтаву суруд замзама мекарданд. Рӯзе гуфтам, ки шавқу завқи сурудхонӣ вуҷуди маро низ фаро гирифтааст ва мехоҳам навохтани торро ёд гирам. Баъд бо кӯмаки он кас хондани чанд сурудро аз худ намудам, – мегӯяд бо ифтихор Абдуваққос.

Хуршедбек Ҳакимов, Бекмуҳаммад Султонов, Акмал Юсупов, Алишер Шарипов аз насли ҷавони санъаткорони моанд, ки бо маслиҳат ва машварати Юсуфов барин собиқадорони саҳнаи ҳунар малакаву маҳораташонро беш аз пеш сайқал медиҳанд.

– Тӯли солҳои зиёд ҳамчун узви фаъоли дастаи фолклории Хонаи маданияти хоҷагӣ хидмат кард. Пас аз ташкили ноҳияи Сӯх шуъбаи фарҳанг ба чунин овозхонҳо хеле ниёз дошт. Вай тамоми фаъолияти овозхониашро ба мардум бахшидааст, – мегӯяд мудири шуъбаи фарҳангу варзиши ноҳияи Сӯх Илҳом Абдумаҷидов.

– Тоҷибой Юсуфов ба синни муборaки шаст расид. Ба ин муносибат дар кохи фарҳанги ноҳия баргузор намудани шаби эҷодии ӯ барномарезӣ шудааст. Тавре ки худи вай мегӯяд, вақте ки мактаби миёнаи рақами якуми ноҳияро хатм кард, имкони иқтисодии хонаводаашон роҳ надод, ки раваду дар ягон даргоҳи илм таҳсил кунад ва соҳиби маълумоти олӣ шавад. Аммо Худоро шукр мегӯяд, ки ҳамин овози хубро барояш ато намудааст ва ба шарофати он соҳиби ном ва эҳтироми мардум гаштааст.

Дар ниҳояти навишта овозхони хушадо Тоҷибой Юсуфовро бо шастумин соли камолоташ муборакбод мегӯем ва ин байтро барояш армуғон месозем:

*Аз садоят санги қалбам об*
*мегардад мудом,*
*Ҳам садоятро пазироянд ҳар ҷо*
*хосу ом!*

**Абдумуҳаммад АҲРОРОВ,**
**собиқ корманди Хонаи**
**маданияти ноҳияи Сӯхи**
**вилояти Фарғона.**

## ЗИНДАГӢ ПАНД АСТ

*Ҳикоят*

Шунидам, марде ба ҳамнишинаш мегуфт:

– Замоне ҳамин одаме, ки шумо мепурсед, ончунон майхора буд, ки ҳама аз диданаш канораҷӯӣ мекарданд. Маълумоташ олӣ, касбу кораш ҳам ҳамчунин. Вале одати майхорагиаш ӯро ба чашми мардум бад намудор мекард. Дар маҷлисҳои корхонааш аз муҳокимашавиҳо хулоса намебаровард ва парвои касе надошт. На ба оила ва на ба худ нигоҳ мекард. Ёфту тофташ сарфи майхорагӣ, улфатбозӣ буд.

Чӣ шуду чӣ монд, ки ин одам яку якбора аз ин одати бадаш даст кашид ва мисли мардум аз пайи кору зиндагониаш шуда монд. Ҳама ҳайрон. Ҳатто улфатҳояш ҳам бехабар аз ин ҳол шуданд. Ба саволҳои дӯстонаш на мисли пештара бо дағалӣ, балки мулоиму нарм ҷавоб медод:

– «Хуб маишат кардам, акнун бас, фаҳмидам, ки таги кор ҳеҷ аст ва фоидае ба ҷуз зарар нест. Бинобар ҳамин даст аз майхорагӣ шустам».

Ҳама, ҳатто ман ҳам ба дил мегуфтам, ки ин ҳама зоҳиран асту албатта як рӯз дили ин одам боз май меҷӯяд ва... дили одаткарда-дия, боз менӯшад. Вале ҳайҳот! Аз байн як сол гузашт, панҷ сол гузашт, ки тағйирот дар зиндагии ӯ рӯй надод, балки рӯзгораш обод ва фаровон гашт. Дар ҷойи кораш обрӯманд ва мансабаш боло шуд. Чанд тӯю маъракаҳои баобрӯ гузаронд ва ба нафақа баромад. Ба зиёрати ҳаҷ рафт ва ҳоҷӣ шуда омад..

Саводаш хуб, ки буд, илми куҳан омӯхт ва алҳол имоматии маҳаллаи худро ба дӯш дорад. Дар маҳалла тадбирҳои тӯю маросимҳоро ба тартиб дароварда, баҳри ободонии он заҳмат мекашад. Баъзе майхорагони имрӯза бошанд, гоҳо ба насиҳатҳои ӯ эрод мегиранд ва мегӯянд, ки худи ӯ замоне чӣ касе буд. Вай як гапи хубе дорад: «Ман аз сар гузаронида, донистам ва фаҳмидам, ки маънии ҳаёт чист ва лаззати дунё чист, барои ҳамин сари вақт аз майхорагӣ даст шустам ва то ҳамин дараҷа расидам, ки ба Худованди мутаъол барои инсофи додааш шукргузорӣ мекунам. Дигаронро низ ба некӣ ва накӯкорӣ даъват мекунам, ки шукронаи ин замону ин замин бикунанд ва бо некроӣ умр ба сар бибаранд».

Ана ҳамин одаме, ки шумо суроғаш мекунед, ҳаммаҳаллаи ман аст ва ман ҳозир наздаш мебарам ва шумо ҳаргиз гумон намекунед, ки вай замоне чӣ касе буд...

Муҳаммад Иқбол фармуда:

*Манеҳ аз каф чароғи*
*орзуро,*
*Ба даст овар мақоми ҳою*
*ҳуро.*
*Машав дар чорсӯи ин*
*ҷаҳон гум,*
*Ба худ боз ою бишкан*
*чорсуро.*

**Раҳимбердӣ**
**ТОШМАТОВ.**

**Масъуди МИРЗО**

## Рӯҳу равонамӣ

*Оре, ҳанӯз зеботарин ёри ҷавонамӣ,*
*Сабзинаи вораста аз дасти хазонамӣ.*
*Хуршеди беғуруби ман, рӯзои рӯшанам,*
*Шабҳои пурситораам, моҳи шабонамӣ.*
*Аз исми туст исмати домони умри ман,*
*Авҷи азони масҷиди рӯҳу равонамӣ.*
*Фаррухрисолатам ман аз фарҳанги*
*ишқи ту,*
*Ман Ораши муҳаббатам, тири камонамӣ.*
*Ширинтарин ҳикоятӣ аз саргузашти ман,*
*Ҳусни калом, нури паём, қанди забонамӣ.*
*Аз ҳастии ту инчунин зебост зиндагӣ,*
*Аржанги зиндагониям, ҳусни ҷаҳонамӣ.*
*Бо ман ту аз дасисаи ғаммоз эманӣ,*
*Ҷойи ту нест дар барам, дар ҷойи ҷонамӣ!*
*Эй дурри дур, аз кафам бар дил*
*фитодаӣ,*
*Эй рафта аз назар ба дил,*
*ганҷи ниҳонамӣ.*
*Пас аз Худову модарам,*
*эй ганҷи ранҷи дил,*
*Дар олами номеҳрубон ту меҳрубонамӣ.*

## Эй орзуи ман

*Мабод он, ки кунад аз марг розӣ,*
*Карантинҳои асливу маҷозӣ!*

* * *

*Дар дида шавқи оташин,*
*Дар дил умеди қанд.*
*Мошинсавор меравам бо суръати баланд,*
*Дар шоҳроҳи тозаи Фарғонаву Хуҷанд.*
*Марзбон ба посгоҳ*
*Бар сафҳаи паспорти ман мӯҳри*
*«гузар» ниҳод.*
*Бо ин шиносномаам гӯё маро шинохт.*
*Гуфто «Хуш омадӣ!»*
*бо лаҳни якнавохт.*
*Дар ду ва ё се соате*
*тай шуд бегазанд,*
*Фосилаи ҷуғрофии Фарғонаву Хуҷанд...*
*Аммо дареғ,*
*дар дидаам аз шавқи оташин,*
*Дуди ғализи ғуссаи талхи ҷудоӣ монд.*
*Аз орзуи қанд*
*Чанд қатра ашки талх*
*дар реги рӯди Сир,*
*Дар деги осмон*
*Фарёди гунги қиссаи талхи ҷудоӣ монд...*
*Посбони қалби ту*
*Бар ман, ки дер омадам изни гузар надод.*
*В-ин дил ба ҷуз муҳаббати чилсолааш дигар*
*муҳру санад надошт...*
*Эй орзуи ман,*
*Аз шаҳри Ман то шаҳри Ту*
*Фосила як қадам.*
*Аммо ба ин, ки меравам як умр сӯйи ту*
*То ту намерасам,*
*То ту намерасам...*

**ш.Фарғона**

## Мухаммас бар ғазали Лоиқ

*Аҳд карда, бишканӣ паймон чаро?*
*Қалбҳоро мекунӣ бирён чаро?*
*Одамонро мекунӣ сарсон чаро?*
*« Хонаат ободу дил вайрон чаро?*
*Мансабат доною худ нодон чаро?»*

*Ёрро месозӣ берун аз даре,*
*Аз қабоҳат ҷомаашро медарӣ,*
*Дӯстро бифрӯхта, душман харӣ,*
*«Аз сари минбар ба гардун мепарӣ,*
*Пушти минбар музтару ҳайрон чаро?»*

*Ҷой бигрифта ба хунат манманӣ,*
*Мардуми нодорро наҳ мезанӣ,*
*Хушзабонӣ созӣ бо шахси ғанӣ,*
*«Бо кабирон хандаҳоят равғанӣ,*
*Бо сағирон ин қадар явғон чаро?»*

*Баски ҳастӣ зишткору ҷоҳиле,*
*Дур аз худ созӣ шахси оқиле,*
*Ёфтӣ дар умри худ оё диле?*
*«Бебаҳоӣ дар сари маснад, вале*
*Чун сабукдӯшат кунанд, арзон чаро?»*

*Баски бошӣ бодахору бесаре,*
*Паст донӣ қадри кас аз соғаре,*
*Ту надонӣ одаму одамгарӣ,*
*«Дар баландиҳо чунин пастигарӣ,*
*Ошноият ба ошу нон чаро?»*

*Менамоӣ ҷамъ то кай сарвате?*
*Дорӣ дар дил ҳирси молу давлате,*
*Хоҳӣ осон биншинӣ бар маснаде,*
*«Ҳеҷ пурсидӣ зи худ дар хилвате,*
*Ин ҳама чунин чаро, чунон чаро?»*

**Расулбеки АҲМАДЗОД,**
**ноҳияи СӮХ.**

## Боғи биҳишт

*Бисабз, эй Сӯх, эй боғи биҳиштам,*
*Ки сарҷӯи ту хатти сарнавиштам.*
*Муҳаббат бор пеши чашмам овард,*
*Ба дил чун донаи меҳри ту киштам.*
*Гулистонӣ, гулафшонӣ ту, эй Сӯх,*
*Шукуфоӣ, шукуфонӣ ту, эй Сӯх.*
*Пур аз бӯйи баҳориву ҳама фасл,*
*Баҳори ишқу армонӣ ту, эй Сӯх.*
*Гар аз ту меравам, зори ту мирам,*
*Ба ёди деҳи Ҳушёри ту мирам.*
*Чӣ лозим шаҳрёрӣ дар дигар мулк?*
*Беҳ он ки зери девори ту мирам.*
*Суханҳоям равон сӯйи дили туст,*
*Ғазалҳоям фурӯғи маҳфили туст.*
*Ба дунё хонаи уммед агар ҳаст,*
*Ҳамон, бешубҳа, дар сарманзили туст.*
*Бисабз, эй Сӯх, эй боғи биҳиштам,*
*Ки сарҷӯйи ту хатти сарнавиштам.*
*Муҳаббат бор пеши чашмам овард,*
*Ба дил чун донаи меҳри ту киштам.*

**Садриддини ҲУШЁРӢ,**
**ноҳияи СӮХ.**

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

*Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.

ISSN 2010-7757

Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-935. Адади нашр 663, ҳаҷм 2 чузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.

1 2 3 4 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 20.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.